«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» доктори илмҳои таърих, профессор
_______________Усмонзода А.И.
«4» декабри соли 2023

**Тақризи**

**муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Дар замони ҳозира, ки инсоният ба ҳазораи нави таърихи тамаддуни худ қадам гузошт, нақши раванди ҷаҳонишавии истеҳсолот, фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоӣ, ки ҳоло тарафдорон ва муқобилони худро дорад, хеле бузург аст. Ин раванд, ки дар садаҳои гузашта оғоз ёфта буд, имрӯз тавассути инкишофи бемайлони фановариҳои иттилоотӣ суръати кайҳонӣ пайдо кардааст ва ногузир мувофиқати стандартҳо, шартҳои техникӣ ва истилоҳотро талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар муқоиса омӯхтани истилоҳоти соҳаҳои гуногуни забони миллӣ бо забони муҳимми байналмилалӣ – забони англисӣ масъалаи мубрами рӯз аст.

Диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» пажуҳиши мубрам ва баҳангом буда, муаллиф дар он бо истифода аз усулҳои таҳлил ва муқоиса мавзуъро мавриди таҳқиқ

қарор додааст, ки  метавон **мубрам** арзёбӣ намуд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) **мувофиқат** менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи** Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич ки таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти журналистика дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ – дар асоси муайян намудани қонуниятҳои умумии ташаккули истилоҳҳо кор карда баромадани тавсияҳои амалиеро дар назар дорад, ки барои мураттаб гардондани низоми истилоҳотии зикршуда дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат мекунанд. Беш аз ҳама ба ин тавсияҳо забони тоҷикӣ ниёзманд аст, зеро низоми истилоҳотии он дар риштаи журналистика ҳанӯз ба тарзи пурра ташаккул наёфтааст. Забоншиносии имрӯза оиди таҳлилу танзими истилоҳҳои соҳаҳои гуногуни илм нисбати забонҳои мухталиф, аз он ҷумла тоҷикӣ ва англисӣ ба андозаи кофӣ таҳқиқот ба анҷом расонда бошад ҳам, вале масъалаи таҳлили қиёсии истилоҳоти журналистикаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то ба имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи монографӣ қарор нагирифтааст.

Диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» унвон дошта, аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия сухан дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти

назариявии таҳқиқ, аҳаммияти амалии пажуҳиш, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола тавсифи сохторӣ-вожасозӣ ва маъноии истилоҳҳои журналистикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст таҳқиқ мегардад. Ҳамчунин намунаҳои истилоҳофарини истилоҳоти журналистика дар ҳар ду забон муайян карда шудаанд ва дар таҳқиқот бори нахуст этимологияи истилоҳоти журналистика ҳар ду забони муқоисашаванда ба тарзи аниқ ва мушаххас таҳлил карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бо таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ ва маъноӣ меъёрҳои асосии таснифи истилоҳоти журналистика аз рӯйи мансубияти сохторӣ, маъноӣ, соҳавӣ ва мавзуӣ муқаррар карда шудаанд. Усулҳои таҳлили сохтории қиёсӣ ва этимологии истилоҳоти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои дигар низ метавонад истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои аниқ муайян намудани қонунҳои умумӣ ва мушаххаси амалкард ва инкишофи низоми истилоҳоти журналистика, аниқ кардани васила ва тарзҳои пурсамари истилоҳофаринӣ дар риштаи журналистика равона шудаанд.

**Аҳаммияти амалии пажуҳиши мазкур** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ҳамчун маъхаз ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти журналистика истифода шуда метавонанд. Маводи таҳқиқ ҳамчун дастурамал барои кормандони васоити ахбори омма ва дастури таълимӣ барои соҳаҳои забоншиносӣ ва журналистика дастрас мегардад. Маводи амалии ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума, хусусан ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавӣ,

муҳим арзёбӣ мешавад. Натиҷаи илмии рисолаи мазкурро барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, таҳияи маводҳои махсус барои ВАО, навиштани корҳои илмӣ барои факултетҳои забоншиносӣ ва журналистика истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби** дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда, дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун бо маърузаҳои илмӣ суханронӣ кардааст. **Натиҷаҳои асосии таҳқиқ** дар 11 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар шакли силсиламаърузаҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас зикр гардида, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, арзиши мақсадноекро касб менамояд, ки дар баррасии он нуктаҳои хеле ҷолиби истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои муқоисашаванда оварда шуддаст, аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Диссертатсия дар 3 боб таълиф ёфта, **боби аввали** он «Заминаҳои назариявии омӯзишу таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» номгузорӣ шудааст. Боби мазкурро муаллиф аз 3 фасл ва зерфаслҳо мураттаб намуда, дар онҳо масъалаҳои омӯзиш ва заминаи назариявии таҳқиқи истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, мафҳуми «истилоҳ», «системаи истилоҳот», «истилоҳшиносӣ» ва «майдони истилоҳӣ» дар забоншиносӣ, таърихи пайдоиш ва рушди истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми боби якум муҳаққиқ доир ба омӯзиш ва заминаи

назариявии таҳқиқи истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сухан ронда таърихи истилоҳшиносиро дар забонҳои номбурда таҳлил намудааст ва муҳтавои мухтасари бархе аз осори муҳими илмиро, ки дар хориҷа, ҷумҳуриҳои ИДМ ва Тоҷикистон ба табъ расидаанд, баён намудааст.

Фасли дуюм ба шарҳи назариявии мафҳумҳои «истилоҳ», «системаи истилоҳот», «истилоҳшиносӣ» ва «майдони истилоҳӣ» дар забоншиносӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо далелҳои этимологӣ собит мекунад, ки вожаҳои «истилоҳ»-и тоҷикӣ, «term»-и англисӣ ва «термин»-и русӣ таҳаввулоти таърихию маъноии ба ҳам шабеҳро аз сар гузаронидаанд. Фасли сеюм «Таърихи пайдоиш ва рушди истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ном гирифтааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки асоси моддии истилоҳоти журналистика ин пайдоиши намудҳои гуногуни матбуоти даврӣ ва дигар соҳаҳои ба он марбут мебошад. Муҳақиқ таъкид мекунад, ки асоси моддии истилоҳоти рӯзноманигорӣ ин пайдоиши намудҳои гуногуни матбуоти даврӣ ва дигар соҳаҳои ба он марбут мебошад. Бинобар ин пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ ба таърихи рӯзноманигорӣ зич алоқаманд аст

**Боби дуюми** диссертатсия «Таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ном дошта аз 4 фасл ва зерфаслҳо иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои сохтори истилоҳҳои журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, роҳи сарфии сохтори истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, вандафзоӣ, истилоҳҳои сохта, роҳҳои наҳвиву сарфӣ ва наҳвии сохтори истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, вожаафзоӣ, истилоҳҳои мураккаб, ибора-истилоҳҳо, вижагиҳои маъноии истилоҳоти журналистика дар забонҳои таҳқиқшаванда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли якум «Роҳҳои асосии вожасозӣ дар забонҳои англисӣ ва

тоҷикӣ» номгузорӣ шудааст. Муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки истилоҳҳои журналистика дар забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати шакли грамматикӣ ду намуди асосӣ доранд: *истилоҳ-вожаҳо* ва *истилоҳ-ибораҳо* мебошанд.

Фасли дуюм «Роҳи сарфии ташаккули истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ном дорад. Дар ин фасл мафҳуми вандафзоӣ (аффиксатсия) шарҳу баён ёфта, он ҳамчун роҳи асосии сарфии истилоҳофаринӣ муайян шудааст, ки тавассути он аксари истилоҳоти сохта ташаккул меёбанд.

Муаллиф зимни таҳлил чунин натиҷагирӣ мекунад, ки раванди вандафзоӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда вижагиҳои ба ҳам шабеҳ доранд. Дар ҳар ду забон: а) истилоҳоти сохта бо роҳи ба асос васл гардидани пешванд ва пасвандҳо ташаккул меёбанд, миёнвандҳо бошанд ду асосро бо ҳам пайваста истилоҳи мураккаб месозанд; б) пасвандҳо назар ба пешвандҳо сермаҳсултар мебошанд; в) вандҳо аксаран исм месозанд, дар ҳолати ҷонишин, сифат, шумора, зарф, масдар, сифати феълӣ сохтани онҳо, ин ҳиссаҳои нутқ низ дар истилоҳоти журналистика баъзан ба вазифаи исм меоянд; г) пасиҳам омадани ду ва ё зиёда пасванд.

Фасли сеюм «Роҳҳои ташаккули истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» номида шудааст. Дар ин фасл роҳҳои сарфию наҳвӣ ва наҳвии ташаккули истилоҳҳои журналистика, яъне истилоҳҳои мураккаб ва таркибии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сухан меравад.

Дар зерфасли якум «Вижагиҳои сохтории истилоҳоти мураккаби журналистика дар забони англисӣ» муаллиф дар асоси хулосаҳои муҳаққиқон В. Адамс, О. Д. Мешков, А. Харитончик, А. Карстейрз-Маккарти, Б. Аартс истилоҳҳои мураккаби журналистикаро дар забони англисӣ таҳлил намуда, муайян кардааст, ки онҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ бо алоқаи тобеият сохта шуда бошанд ҳам, ба вазифаи исм омадаанд, яъне феълан исмҳои мураккаб мебошанд.

Дар зерфасли дуюм «Вижагиҳои сохтории истилоҳоти мураккаби журналистика дар забони тоҷикӣ» муаллиф асосан ба тадқиқоти Ш. Рустамов такя карда, истилоҳҳои мураккабро таҳлил намудааст, ки 9,76 дарсади истилоҳоти интихобгардидаро дар бар мегиранд.

Дар зерфасли сеюм «Вижагиҳои сохтории ибора-истилоҳот дар забони англисӣ» муаллиф қайд мекунад, ки дар забони англисӣ ибора ва таркибҳое, ки ба истилоҳ табдил меёбанд, аз ҷиҳати муносибати байни ҷузъҳояшон хусусиятҳои муайянкунандагӣ (атрибутивӣ), пуркунандагӣ (комплетивӣ) ва ҳамроҳӣ (копулятивӣ)-ро доро мебошанд. Яъне агар дар иборaи исмӣ ҷузъи асосӣ исм бошад, ҷузъҳои тобеъ метавонанд муайянкунанда (attribute) – ATTR, пуркунанда (object, complement) – OBJ, ҳол (adverbial phrase) – ADV бошанд. Дар зерфасли чорум «Вижагиҳои сохтории ибора-истилоҳот дар забони тоҷикӣ» таъкид мешавад, ки дар забони тоҷикӣ ҷузъҳои ибора дорои алоқаҳои наҳвии пешояндӣ, пасояндӣ, пешояндию пасояндӣ, ҳамроҳӣ ё тартиби ҷойгирии ҷузъҳо, изофӣ, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ мебошанд ва ибора-истилоҳоти журналистӣ дар забони тоҷикӣ низ бештар аз ибораҳои исмӣ иборатанд, ки мисли ибораҳои забони англисӣ бе се гурӯҳ: 1) изофӣ (алоқаи наҳвии изофат); 2) пешояндӣ (алоқаи наҳвии вобастагӣ, яъне бо пешоянду пасоянд); 3) омехта (алоқаи наҳвӣ – ҳам изофат ва ҳам вобастагӣ) ҷудо мешаванд. Дар ҳар фасл ва зерфасли он умумият ва фарқияти забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудааст.

**Дар боби сеюм** «Таҳлили этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» муаллифи диссертатсия ба шарҳи этимологии истилоҳоти журналистика дар забони англисӣ ва тоҷикӣ мепардозад.

Фасли якум «Шарҳи этимологии истилоҳоти журналистика дар забони англисӣ» ном дошта, таҳқиқи истилоҳоти аслии журналистика, истилоҳоти иқтибосии журналистика, истилоҳоти иқтибосӣ аз забонҳои лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, ҳоландӣ ва дигар забонҳо, истилоҳоти

иқтибосии мураккаб ва таркибии журналистика аз забонҳои гуногунро дар забони англисӣ дар бар мегирад. Бахши муайяни истилоҳоти журналистикаи забони англисиро вожаҳое ташаккул додаанд, ки аз ҷиҳати пайдоиш ба забони асл, яъне ба забони англисӣ таалуқ дорад.

Фасли дуюм «Шарҳи этимологии истилоҳоти журналистика дар забони тоҷикӣ» номгузорӣ шуда, ба пажуҳиши истилоҳоти аслии журналистика, истилоҳоти журналистика аз вожаҳои арабӣ, истилоҳоти журналистика аз вожаҳои русӣ ва байналмилалӣ, истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии журналистика аз забонҳои гуногун дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Таъкид ба ёдоварист, ки ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар **хулосаи умумӣ** бошад муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 21 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

**Тавсияҳо** оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар диссертатсия ҷойгир карда шудааст, ки аз 4 банд иборат буда арзиши рисола нишон медиҳад.

Диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосир ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда. моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи мазкур барои хондани курси «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ». «Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавонад ба гунаи неку мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» баъзе норасоиву камбудиҳоро мушоҳида намудем:

1. Дар саҳифаҳои 7, 17, 36, 61, 113 хатогиҳои имлоӣ дида мешавад
2. Дар саҳифаҳои 9,10,17, 181 хатогиҳои техникӣ мебошад.
3. Тартиби истинод ва сарчашмаҳо дар powараqҳои автореферат нодуруст истифода гардидааст.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июнӣ соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Муассисаи давлатии таълими «Донишгоҳи

давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», суратҷаласаи № 3 аз « 24» ноябри 2023 тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа: Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна
декани факултети забонҳои хориҷии
МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
д.и.п., профессор

Эксперт: Азимова Саноат Раҳматовна
н.и.ф., дотсенти кафедраи
забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии МДТ"ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

Котиби ҷаласа: Набиҷонова Зебохон Абдуғафуровна
муаллими калони кафедраи
забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Телефон: (992-3422)6-52-73
E-mail:rector@hgu.tj

Имзои Абдуллоева М.А., Азимова С.Р. ва Набиҷонова З.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврӯзов Э.М.